# ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

734025, ш. Душанбе, к. Шевченко, 69, тел. ( 372 ) 221-18-35, факс (372) 2217525

## ФАРМОИШ

аз 30.01 с. 2025 № 65 ш. Душанбе

Дар бораи тасдиқ намудани
Оинномаи намунавии Маркази
ташаккули тарзи ҳаёти солими
вилоят/шаҳр/ноҳия

Бо мақсади муайян ва ба танзим даровардани самтҳои асосии фаъолияти Маркази ташаккули тарзи ҳаёти солими вилоят/шаҳр/ноҳия, мутобиқи банди 10 Низомномаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, таҳти №148 тасдиқ шудааст,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Оинномаи намунавии Маркази ташаккули тарзи ҳаёти солими вилоят/шаҳр/ноҳия тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Ба директори Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии ташаккули тарзи ҳаёти солим» супориш дода шавад, ки раванди назорати тасдиқи оинномаҳоро назорат намуда, аз натиҷааш ба вазорат маълумот пешниҳод намояд.
3. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини вазир, сарпарасти соҳа гузошта шавад.

Вазир Ҷ. Абдуллозода

ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
МИНИСТЕРСТВО ЗДРАВООХРАНЕНИЯ И СОЦИАЛЬНОЙ ЗАЩИТЫ НАСЕЛЕНИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН
БАРОИ ФАРМОНҲО
ДЛЯ ПРИКАЗОВ

ДУРУСТ
ВЕРНО

Замима
бо фармоиши
Вазорати тандурустӣ
ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «30» 01 с. 2025, №65
тасдиқ шудааст

# Оинномаи
# намунавии Маркази ташаккули тарзи ҳаёти солими вилоят/шаҳр/ноҳия

____________________________________________

ш. Душанбе - 2025

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Маркази ташаккули тарзи ҳаёти солими вилоят/шаҳр/ноҳия _______________ (минбаъд - Марказ) аз лаҳзаи бақайдгирии давлатӣ гирифтан ташкилшуда ба ҳисоб меравад.

2. Муассиси Марказ мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят/шаҳр/ноҳия___________ (минбаъд-Муассис) мебошад.

3. Марказ дар фаъолияти худ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоишҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои сартабиби давлатии санитарии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва Оинномаи мазкурро ба роҳбарӣ мегирад.

4. Марказ дорои тавозуни мустақил, суратҳисоб дар бонкҳо, мӯҳри мудаввар бо дарҷи Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва номи расмии худ, варақаҳои унвонӣ ва дигар реквизитҳо мебошад.

5. Номи расмии Марказ:

- бо забони давлатӣ: Маркази ташаккули тарзи ҳаёти солими вилоят/шаҳр/ноҳия_____________________________________________;

- бо забони русӣ: Центр по формированию здорового образа жизни область/город/ район____________________________________________;

-номи ихтисоршудаи Марказ бо забони давлатӣ: «МТТҲС»__________________в/ш/н.______________________;

- номи ихтисоршудаи Марказ бо забони русӣ: «ЦФЗОЖ»_________________ о/г/р ___________.

6. Суроғаи ҳуқуқии Марказ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилоят/шаҳр/ноҳия__________________, кӯчаи _________________________.

## 2. ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ МАРКАЗ

7. Марказ шахси ҳуқуқии мустақил буда, шакли ташкиливу ҳуқуқии он бо моддаи 53, 128, 337 ва 339 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст.

8. Мувофиқи Оинномаи мазкур Марказ ҳуқуқ дорад, ки ба фаъолияти даромаднок машғул шавад. Даромади аз чунин фаъолият бадастомада, инчунин амволи аз чунин даромадҳо харидашуда пурра ба ихтиёри Марказ мегузарад.

9. Марказ ҳуқуқ дорад қарзҳои бонкиро истифода барад, иштирокчии муносибатҳои маданӣ бошад, аз ҷумла дар мурофиаи судӣ ба сифати даъвогар ва ҷавобгар баромад намояд.

10. Марказ дорои дигар намуд ҳуқуқҳо мебошад, ки бо қонунгузории амалкунанда барои чунин муассиса ва ташкилотҳо муқаррар шудаанд.

11. Марказ аз рӯи ӯҳдадориҳои худ барои маблағҳои пулӣ, ки дар тавозуни мустақили худ дорад, ҷавобгар мебошад ва Муассис аз рӯи

уҳдадориҳои Марказ, ба истисноии мавридҳои пешбининамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, масъулият надорад.

12. Иҷрои стандартҳо, муқаррарот, меъёру санадҳое, ки мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят, шаҳр ва ноҳия, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии ташаккули тарзи ҳаёти солим» дар соҳаи тандурустӣ, бо тартиби муқарраргардида таҳия ва тасдиқ намудааст, барои Марказ ҳатмӣ мебошад.

## 3. МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ МАРКАЗ

13. Марказ сохтори давлатии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят/шаҳр/ноҳия ____________буда, барои ташаккули дониш, муносибат ва рафтори аҳолӣ ба саломатии худ тавассути тадбиқи принсипҳои тарзи ҳаёти солим мебошад.

14. Муҳимтарин вазифаҳои Марказ иборат аст аз:

- пешниҳод ба таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ дар соҳаи ташаккули тарзи ҳаёти солим;
- таҳия ва тадбиқи барномаҳои мақсадноки минтақавӣ, инчунин илмӣ ва илмию техникӣ дар соҳаи ташаккули тарзи ҳаёти солими вилоят/шаҳр/ноҳия;
- пешниҳод ба стандартҳои миллӣ ва алгоритмҳои бурдани таблиғоти ташаккули тарзи ҳаёти солим дар байни аҳолии вилоят/шаҳр/ноҳия;
- гузаронидани чорабаниҳои иттилоотию маърифатӣ дар байни аҳолии вилоят/шаҳр/ноҳия тавассути ворид намудани барномаҳои таълимӣ бо ҷалби васоити ахбори омма;
- гузаронидани конфронс, семинар, мизҳои мудаввар ва дигар чорабиниҳои омузишӣ дар байни кормандони тиб, маориф, дигар кормандони касбу кор, фаъолон ва табақаҳои гуногуни аҳолии вилоят/шаҳр/ноҳия оид ба ташаккули тарзи ҳаёти солим, мустаҳкамкунии саломатӣ ва пешгирии бемориҳо;
- гузаронидани чорабиниҳои иттилоотию маърифатӣ дар байни аҳолии вилоят, шаҳр ва ноҳия оид ба пешгирии бемориҳои сироятӣ ва ғайрисироятӣ;
- гузаронидани чорабиниҳои иттилоотию маърифатӣ дар байни аҳолии вилоят/шаҳр/ноҳия, ки ба баланд бардоштани сатҳи фарҳангию гигиенӣ ва санитарӣ, пешгирии сирояти вируси норасоии масунияти одам/бемории пайдошудаи норасоии масуният (ВНМО/БПНМ), бемориҳои сироятии ҷинсӣ (БСҶ), нашъамандӣ, майзадагӣ, тамокукашӣ, ки сабаби пайдоиши онҳо ба ахлоқ рафтору кирдори шахс вобаста мебошад;
- таҳия, чоп ва паҳн намудани маводҳои иттилоотию маърифатӣ оид ба ташаккули тарзи ҳаёти солим;

- ҳамоҳангсозӣ, мониториг ва таҳлили фаъолияти муассисаҳои соҳаи тандурустӣ, ташкилотҳо ва муассисаҳо, сарфи назар аз шакли моликият ва тобеъияти идоравии онҳо, инчунин ташкилотҳои байналмилалии давлатӣ ва ғайридавлатӣ оид ба ворид намудани принсипҳои асосии ташаккули тарзи ҳаёти солим;

- гузаронидани тадқиқотҳои гуногун дар бораи солимии аҳолии вилоят/шаҳр/ноҳия бо роҳи омузиши дониш, муносибат ва рафтор;

- гузаронидани таҳлили ворид намудани принсипҳои асосии ташаккули тарзи ҳаёти солим дар вилоят/шаҳр/ноҳия;

- таъсиси системаи ягонаи иттилоотӣ оид ба ташаккули тарзи ҳаёти солим.

## 4. ФАЪОЛИЯТИ МАРКАЗ

15. Марказ барои иҷро кардани вазифаҳои дар наздаш гузошташуда фаъолияти зеринро ба анҷом мерасонад:

- васеъ намудани фазои иттилоотию ҳуқуқӣ барои аҳолӣ, ҷавонон, намояндагони гурӯҳҳои махсусан осебпазири аҳолии вилоят/шаҳр/ноҳия бо роҳи таҳия ва паҳн намудани маводҳои иттилоотию маърифатӣ оид ба ташаккули тарзи ҳаёти солим;

- гузаронидани чорабиниҳои иттилоотию маърифатӣ (тренингҳо, семинарҳо, намоишҳои театрикунонида, аксияҳо) оид ба ташаккули тарзи ҳаёти солим;

- ҳамкорӣ дар ҳолатҳои гузаронидани тадқиқотҳои маҷмӯӣ, баҳодиҳӣ оид ба ташаккули тарзи ҳаёти солим ва муайян намудани омилҳое, ки ба тағйирёбии рафтори одамон таъсир мерасонанд;

- ҳамкорӣ намудан дар ҳолатҳои гузаронидани омӯзиш ва баҳодиҳӣ, муайян намудани тағйирот ва пешгуӣ оид ба ВНМО/БПМН, бемориҳои сироятӣ ва ғайрисироятӣ дар байни аҳолии вилоят/шаҳр/ноҳия, шахсони камбизоат, ҷавонон, кӯдакон, наболиғон, муҳоҷирони меҳнатӣ ва намояндагони гурӯҳҳои махсусан осебпазири аҳолии вилоят/шаҳр/ноҳия;

- кор карда баромадани барномаҳои мақсаднок оид ба тарғиби тарзи ҳаёти солим дар байни аҳолӣ, шахсони камбизоат, ҷавонон, кӯдакон, ноболиғон ва намояндагони гурӯҳҳои махсусан осебпазири аҳолии вилоят/шаҳр/ноҳия;

- ҳамкорӣ намудан бо дигар мақомотҳои давлатӣ, ҳамчунин бо сохторҳои хусусии тандурустӣ, ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва байналмилалӣ, муассисаҳои илмӣ барои коркарду тадбиқи барномаҳо оид ба ташаккули тарзи ҳаёти солим дар байни шахсони камбизоат, ҷавонон, кӯдакон, ноболиғон ва намояндагони гурӯҳҳои махсусан осебпазири аҳолии вилоят/шаҳр/ноҳия;

- хамкорӣ намудан дар вақти коркарди санадҳои меъёрию соҳаи тандурустӣ ва андешидани чораҳои зарурӣ барои амалӣ намудани онҳо дар маҳаллаҳо;

- ташкил ва гузаронидани барномаҳои маърифатӣ барои кормандони муассисаҳои соҳаи тандурустӣ ва дигар сохторҳо оид ба

тарбияи гигиенӣ, ташаккули тарзи ҳаёти солим ва мустаҳкамкунии саломатӣ;

- ташкил ва гузаронидани корҳо оид ба тарбияи гигиении аҳолии вилоят/шаҳр/ноҳия, кормандони соҳаҳои саноатӣ, кишоварзӣ, омузонидани шаҳрвандони вилоят/шаҳр/ноҳия;

- иштирок дар коркард ва паҳнкунии тавсияҳо дар бораи принсипҳо ва муносибати кор бо аҳолии вилоят/шаҳр/ноҳия оид ба ташаккули тарзи ҳаёти солим дар сохтори кумаки аввалияи тиббию санитарӣ;

- иштирок дар коркард ва ворид намудани тартиби ҳисоботи ягонаи оморӣ;

- расонидани кӯмаки маслиҳатию методӣ ба кормандони идораҳо ва муассисаҳои тандурустӣ, дигар ташкилотҳо ва муассисаҳо, новобаста аз шакли моликияташон ва тобеияти муассисавиашон оид ба масъалаҳои ташаккули тарзи ҳаёти солим;

- дархостҳои иҷтимоии идораҳо ва муассисаҳои тандурустӣ, дигар сохторҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ оид ба масъалаҳои ташаккули тарзи ҳаёти солим, мустаҳкамкунии саломатии аҳолӣ ва чопи маводҳои иттилоотию маърифатӣ дар асоси шартнома иҷро мекунад.

16. Марказ дар нақшаи идоракунӣ ва номгӯйи муассисаҳо ва ташкилотҳои Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии ташаккули тарзи ҳаёти солим» қарор дошта, ба ӯ ҳисоботдиҳанда мебошад.

## 5. МАҚОМОТИ ИДОРАКУНИИ МАРКАЗ

17. Мақомоти олии идоракунии Марказ мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят/шаҳр/ноҳия мебошад.

18. Марказ фаъолияти худро дар мувофиқа бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо/шаҳр/ноҳия, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии ташаккули тарзи ҳаёти солим» амалӣ менамояд.

19. Марказ дар тобеияти мақомоти зерин қарор дорад:

-мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят/шаҳр/ноҳия;

-Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии ташаккули тарзи ҳаёти солим».

20. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят/шаҳр/ноҳия ҳуқуқ дорад:

- мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон директори Маркази вилоятро барои ба вазифа таъин ва аз вазифа озод намудан дар мувофиқа бо Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии ташаккули тарзи ҳаёти солим» ба Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд;

- мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр/ноҳия бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон директори

Маркази шаҳр/ноҳияро барои ба вазифа таъин ва аз вазифа озод намудан ба Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии ташаккули тарзи ҳаёти солим» пешниҳод намояд;

-дар идоракунии корҳои Марказ иштирок намояд;

-тавозуни Марказро тасдиқ намояд ва ҳисоботи онро қабул намояд;

-комиссияи тафтишотӣ (аудит)-ро таъин намояд;

-маълумотҳои зарурӣ ва ҳисобот оид ба фаъолияти Марказро талаб намояд;

-бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои аз нав ташкил ва ё барҳам додани Марказ пешниҳод манзур намояд;

-дар ҳолати барҳам дода шудани Марказ, баъди ҳисоб намудан бо қарзхоҳон, амволи ба вай тааллуқдошта ё қиммати онро бигирад.

21. Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад:

- фаъолияти Марказро бе восита ё тавассути хадамотҳои назоратӣ, инчунин, ба воситаи марказҳои соҳавии ваколатдор мавриди санҷиш қарор диҳад;

- фаъолияти Марказро тафтиш ва баррасӣ намояд;

- комиссияи санҷишии тафтишотии муштаракро таъсис диҳад;

- бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои аз нав ташкил ва ё барҳам додани Марказ пешниҳод манзур намояд;

- маълумотҳои зарурӣ ва ҳисоботро оид ба фаъолияти Марказ талаб намояд;

- бо тартиби муқарраргардида директорони марказҳои ташаккули тарзи ҳаёти солими вилоятҳоро ба вазифа таъин ва озод менамояд;

- оинномаи намунавии марказҳои ташаккули тарзи ҳаёти солими вилоят/шаҳр/ноҳияро қабул ва тасдиқ намояд.

22. Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии ташаккули тарзи ҳаёти солим» ҳуқуқ дорад:

- маълумотҳои зарурӣ ва ҳисоботро оид ба фаъолияти Марказ талаб намояд;

- фаъолияти Марказро тафтиш ва баррасӣ намояд;

- сохтори Марказ ва тағйирот ба он, аз ҷумла мувофиқасозии қарорҳо оид ба таъсиси воҳидҳои сохтории алоҳидаро мувофиқа намояд;

- бо тартиби муқарраргардида директорони марказҳои ташаккули тарзи ҳаёти солими шаҳр/ноҳияро дар асоси пешниҳоди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят/шаҳр/ноҳия инчунин, дар мувофиқа бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод намояд;

- бо тартиби муқарраргардида директорони марказҳои ташаккули тарзи ҳаёти солими вилоятҳоро барои ба вазифа таъин ва аз вазифа озод намудан ба Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд;

- уҳдадориҳои вазифавии директорони марказҳоро тасдиқ намояд;

- ҳисоботи директори Марказ оид ба фаъолияти Марказро дар соли сипаришуда баррасӣ намояд.

23. Идоракунии Марказ аз ҷониби маъмурияти он амалӣ мегардад, ки ба он директор роҳбарӣ менамояд.

24. Ба вазифаи директори Марказ шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дорои таҳсилоти олии тиббӣ ва шаҳодатнома оиди бозомузӣ аз рӯи ихтисоси ташкилоти тандурустӣ ё тандурустии ҷамъиятӣ, дорои дониши касбӣ ва собиқаи кории на кам аз 5 сол дошта таъин карда мешавад.

25. Директори Марказ шахсан барои фаъолияти Марказ ҷавобгар буда, мустақилона ҳамаи фаъолияти Марказро дар сатҳи ваколатҳои худ, тибқи қонунгузории амалкунанда ва Оинномаи мазкур ҳал мекунад.

26. Директори Марказ барои пурраву беосеб будани молу мулки Марказ, риоя кардани интизоми меҳнатӣ, молиявӣ ва шартномавӣ ва барои масрафи маблағҳо мувофиқи таъиноташон ҷавобгар мебошад.

27. Директори Марказ ҳуқуқ дорад масъалаҳои зеринро мустақилона ҳал намояд:

- аз номи Марказ бе ваколатнома амал намояд, дар муносибат бо дигар ташкилотҳо Марказро намояндагӣ кунад;
- бо шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, сарфи назар аз шакли моликияташон, созишномаҳо бандад;
- кормандони Марказро, ба кор қабул ва аз кор озод намояд ва мувофиқи қонунгузории амалкунандаи меҳнат муҷозоти интизомӣ таъин намояд;
- ба шахсони масъули Марказ барои ба ҷо овардани амалиётҳои молиявию хоҷагӣ, уҳдадориҳои шартномавии Марказ ваколатномаҳо диҳад;
- бо тартиби муқарраргардида самарабахшии тарзу усулҳои нав дар соҳаи ташаккули тарзи ҳаёти солим дида баромада, тасдиқ ва арзёбӣ - намояд, онҳоро тайёр карда, дар амалияи тандурустӣ ҷорӣ мекунад, ба кори Марказ баҳо медиҳад, ёрии машваратӣ мерасонад;
-дар доираи салоҳияти худ санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дар намуди фармоиш содир менамояд.

## 6. СОХТОРИ МАРКАЗ

28.Сохтори Марказ аз қисмҳои зерин иборат мебошад:
- маъмурият;
- шуъбаи барномаҳои профилактикӣ;
- шуъбаи коммуникатсия ва кор бо ҷомеа;
- шуъбаи таълимӣ-маърифатӣ;
- қисми хоҷагидорӣ.

## 7. АМВОЛ ВА САРЧАШМАҲОИ МАБЛАҒГУЗОРИИ МАРКАЗ

29. Маблағгузории Марказ дар сатҳи вилоят/шаҳр/ноҳия, тибқи фармоишҳо, дастурамалҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои алоқаманди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят/шаҳр/ноҳия сурат мегирад.

30. Амволи Марказро маблағҳои асосие, ки мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят/шаҳр/ноҳия барои идоракунии фаврӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст, инчунин дигар маблағҳое, ки аз тарафи шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ворид шудаанд, ташкил медиҳад.

31. Сарчашмаҳои маблағгузории Марказ инҳо мебошанд:

- маблағҳои пулӣ ва амволи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят/шаҳр/ноҳия дар шакли маблағгузории буҷетӣ;
- грантҳои ташкилотҳои байналмилалӣ, аз ҷумла барои амалӣ намудани муқаррароти фаъолияти оинномавӣ;
- маблағҳои аз хизматрасонии музднок воридгардида.

32. Марказ мустақилона ба мақомоти давлатии андоз ва молия ҳисобот медиҳад.

33. Марказ ҳамаи амалиётҳои хазинавиро мувофиқи қоидаҳои муқарраргардида анҷом медиҳад.

## 7. БАҲИСОБГИРӢ ВА НАЗОРАТ

34. Марказ баҳисобгирии фаврӣ ва муҳосибавии фаъолияти худро амалӣ месозад, ҳисоботи оморӣ ва муҳосибавиро дар асоси қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ мемонад.

35. Ҷамъбасти фаъолияти хоҷагидории Марказ дар ҳисоботи солона ва мувозина, ки аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят/шаҳр/ноҳия тасдиқ карда мешавад, инъикос меёбад.

36. Назорат аз болои фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории Марказ аз ҷониби комиссияи тафтишотӣ ё аудитҳо, ки аз тарафи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят/шаҳр/ноҳия таъин карда мешаванд, ба роҳ монда мешавад.

37. Аъзоҳои комиссияи тафтишотӣ (аудитӣ) ҳуқуқ доранд аз шахсони вазифадор ва ҳайати кормандони Марказ пешниҳоди тамоми ҳуҷҷатҳои зарурӣ ва баёнотҳои шахсиро талаб намоянд.

38. Комиссияи тафтишотӣ (аудитӣ) натиҷаҳои санҷишро ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят/шаҳр/ноҳия манзур менамояд.

39. Комиссияи тафтишотӣ (аудитӣ) аз рӯи ҳисобот ва мувозинаи солона хулоса тартиб медиҳад, ки дар асоси он мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят/шаҳр/ноҳия ҳисоботи молиявии солонаи Марказро тасдиқ менамояд.

40. Марказ бо мақсади таъмини пурраи нигоҳдорӣ, ҳамасола баруйхатгирии (инвентаризатсияи) амволи арзишнок ва воситаҳои асосиро мегузаронад.

## 8. ФАЪОЛИЯТИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА ХОРИҶИИ МАРКАЗ

41. Ҳамкории байналмилалии Марказ дар доираи фаъолияти сиёсати хориҷии давлат ба ҳамшарикии ҳақиқӣ, эътимоду боварии тарафайн ва бо шартномаю созишномаҳои байнидавлатӣ асос меёбад.

42. Марказ ҳуқуқ дорад, ки дар мувофиқа бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят/шаҳр/ноҳия ва Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии ташаккули тарзи ҳаёти солим» дар соҳаи ташаккули тарзи ҳаёти солим, баланд бардоштани савияи дониши мутахассисон, фаъолияти таълимӣ, инчунин фаъолияти хориҷиро мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаю созишномаҳои байналмилалӣ ба роҳ монад.

43. Марказ ҳуқуқ дорад дар мувофиқа бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят/шаҳр/ноҳия ва Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии ташаккули тарзи ҳаёти солим» бо муассисаҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ, корхонаю ташкилотҳои хориҷӣ робитаи бевосита муқаррар намояд, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шомили иттиҳодияҳои байналмилалии ҷамъиятӣ гардад.

44. Марказ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти иқтисодии хориҷиро дар мувофиқа бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят/шаҳр/ноҳия амалӣ менамояд ва ҳуқуқи дар бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ кушодани суратҳисоби асъорро дорад.

45. Асъор, дигар маблағҳои пулӣ ва амволе, ки Марказ аз фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ба даст меоварад, пурра ҳуқуқи ихтиёрдорӣ намудани онҳоро дорад. Ин маблағҳо барои инкишофи Марказ, музди меҳнати кормандон, пойдор сохтани заминаи моддию техникии он ва рушди иҷтимоӣ ҳарҷ карда мешаванд.

## 9. ҚАБУЛ ВА ТАСДИҚ НАМУДАНИ ОИННОМАИ МАРКАЗ

46. Оинномаи Марказ ва даровардани тағйироту иловаҳо ба он аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят/шаҳр/ноҳия дар мувофиқа бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии ташаккули тарзи ҳаёти солим» тасдиқ карда мешавад.

## 10. ҚАТЪ НАМУДАНИ ФАЪОЛИЯТИ МАРКАЗ

47. Қатъ гардидани фаъолияти Марказ дар натиҷаи азнавташкилдиҳӣ ё барҳамдиҳии он сурат мегирад.

48. Азнавташкилдиҳии Марказ тибқи муқаррароти Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи тартиби муқарраргардида ба амал бароварда мешавад. Ҳангоми азнавташкилдиҳии Марказ ҳамаи ҳуқуқу уҳдадориҳои он ба вориси ҳуқуқиаш мегузарад.

49. Барҳамдиҳии Марказ дар ҳолатҳо ва тартибе, ки Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст, ба амал бароварда мешавад.